**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи номзадии Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология). Душанбе, 2024.**

Диссертатсияи унвонҷӯй Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар асоси маъхазҳо, маводи таҳқиқоти саҳроии диссертант ва адабиёти илмӣ омода гардида, мубрамияти мавзуъ аз он иборат мебошад, ки оид ба ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии рушониён то имрӯз таҳқиқоти махсуси этнографӣ анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин таҳқиқоте мебошад, ки дар он муаллиф масъалаи мазкурро баррасӣ намудааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ таҳлил ва омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон, муайян намудани сатҳи дигаргуншавӣ дар таҷлили ҷашнҳо ва маросимҳои мардумии рушониён мебошад.

Объекти таҳқиқ масъалаи ҷашну маросимҳои миллӣ-этникии тоҷикон ва предмети таҳқикро таҳлили ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон дар бар мегирад.

Дар рафти таҳқиқи мавзуъ аз усулҳои этнографӣ, махсусан, усули статсионарӣ, мушоҳидавӣ, пурсуҷӯйӣ, усули таҳқиқи саҳроӣ, муқоисавӣ-функсионалӣ васеъ истифода гардиданд.

Дар навиштани диссертатсия аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои таърихӣ ва этнографӣ васеъ истифода шуда, онҳо аз ҷониби муаллиф дуруст гуруҳбандӣ карда шудаанд.

Навгониҳои илмии кор аз он иборат аст, ки бори аввал дар шакли мукаммал масъалаҳои ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии рушониён таҳқиқ гардидаанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, предмет ва объект, муқарраротӣ ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия *"Ҳисоби вақт ва идҳои тақвимӣ-анъанавӣ"* оид ба ноҳияи Рушон маълумоти таърихӣ - ҷуғрофӣ дода шуда, масъалаҳои тақвим ва ҷашну идҳои анъанав тоҷикони Рушон таҳқиқ гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия *"Ҷашну маросимҳо вобаста ба хоҷагидорӣ"* унвон дошта, дар он ҷашну маросимҳои кишоварзӣ ва чорводорӣ баррасӣ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия *“Маросимҳои доираи ҳаётии мардуми Рушон”* ном дошта, дар он оид ба ҷашну маросимҳо дар алоқамандӣ бо таваллуд ва тарбияи кӯдак, маросимҳо вобаста ба никоҳ ва тӯй, маросимҳои марг ва азодорӣ маълумот дода мешавад.

Дар хулоса фикри ҷамъбастӣ ва пешниҳодоти диссертант оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи *«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»* аз нуқтаи назари сохтор ва мазмуни илмӣ ба талаботи бандҳои 31 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои таърих, дотсент,
омӯзгори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзошарифзода Иброҳим Мирзошариф

Имзои Мирзошарифзода И.М.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС

15.05.2024 с.